«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
_________________________ Насриддинзода Э.С.
«18» _________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** соли 2008 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси журналист хатм карда, солҳои 2008-2010 аспиранти шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) ва аз соли 2010 – устоди кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи ДМТ мебошад.

Аз соли 2012 то 2014 – муовини декан оид ба илм ва равобити байналхалқии факултети журналистикаи ДМТ. Аз январи соли 2012 муаллими калон ва аз январи соли 2013 то ҳол – дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ мебошад.

Солҳои 2017-2023 дар вазифаҳои мудири шуъбаи кор бо ҷавонон, мудири шуъбаи таблиғот ва ташвиқот ва роҳбари Маркази матбуот ва таҳлилии Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Ҳоло сармутахассиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода соли 2010 дар мавзуи «Нақши матбуоти корпоративӣ дар журналистикаи муосири тоҷик» диссертатсияи номзадиашро ҳимоя карда, муаллиф, муҳаррири масъул ва мураттиби 14 (чаҳордаҳ) китоб, беш аз 80 мақолаи илмӣ, зиёда аз 300 мақолаи публитсистӣ ва 25 барномаи телевизионӣ аст.

Таҳти роҳбариаш то имрӯз 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ диссертатсияи номзадӣ ҳимоя намуданд.

Мавзуи диссертатсияи доктории Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2012, қарори №12 тасдиқ шудааст.

Бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2024, қарори №11 ба қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2012, қарори №12 тағйиру илова ворид гардида, доктори илмҳои филология, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Имомзода Муҳаммудюсуф Сайдалӣ мушовири илмӣ таъйин карда шуд.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ гардид:**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Дар низоми ҷаҳонии ахбори омма ВАО-и корпоративӣ яке аз навъҳои маъмул ба ҳисоб меравaнд. Интишори нашрияи худӣ ва ё нашру пахши телевизион ё радио ва доштани сомонаи хоса ҳамеша барои ширкатҳо як навъ эҳтиром ба худ, арҷгузорӣ ба арзишҳои корпоративӣ ва зарурати истеҳсолӣ дониста мешавад.

Ин навъи ВАО дар ҳар давру замон барои ҳимояи манфиати муассиси худ талош мекарданд. Имрӯз бозори ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон ба қадри кофӣ рушд кардааст ва имкон медиҳад, ки хулосаҳои умумӣ дар бораи моҳият, шароит ва шаклҳои рушди онҳо натиҷагирӣ карда шавад. Афзоиши босуръати нашр ва паҳни ВАО-и корпоративиро метавон ба амалисозии самараноки маркетинги корпоративӣ рабт дод.

Диссертатсия дар мавзуи «Васоити ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мутобиқат дорад.

Ҳамчунин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни ташаккул ва таҳаввули журналистикаи корпоративӣ метавон такя кард. Мавзуи диссертатсия ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ, ҷомеашиносӣ ва менеҷменту маркетинг бевосита алоқамандии амиқ дошта, таҳқиқ як фасли корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 ва 2015-2020 маҳсуб меёфт.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқро бо консепсияи умумии кор муайян менамояд, ки он мушаххас ва асоснок кардани вижагиҳои фаъолияти ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Таъкид мегардад, ки бозори журналистикаи корпоративии муосири тоҷик ба пажӯҳиш ва таҳлили илмӣ ниёз дорад. Таҳияи назарияи илмӣ ва амалӣ дар асоси таҳлили таъсир ва дарёфти роҳҳои такмили фаъолияти амалии ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон, афзоиши таъсири мутақобилаи онҳо ба раванди ташаккул ва рушди фарҳанги иқтисодии иттиҳодия низ ҳадафи диссертатсия мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

- таҳқиқ намудани мавқеи ВАО-и корпоративӣ дар низоми муосири васоити ахбори оммаи Тоҷикистон;
- муайян намудани нақши махсуси ВАО-и корпоративӣ дар ташаккули муколама ва муносибатҳои эътимодбахш, ки ба марҳилаи кунунии рушди ҷомеа мувофиқат мекунанд ва ба самаранокии муошироти дохилӣ таъсири хос доранд;
- муайян кардани вазифаҳои матбуоти соҳавии Тоҷикистон ҳамчун асоси пайдоиши ВАО-и корпоративӣ;
- таҳқиқ ва таҳлил намудани вижагиҳои функсионалӣ, сохтор ва шакли ВАО-и корпоративии намудҳои гуногун;
- омӯзиши маҷаллаҳои ҳавопаймоӣ (бортӣ) ҳамчун як намуди ВАО-и корпоративӣ;
- омӯзиши усулҳо ва воситаҳои бунёди имиҷи ширкат тавассути таъсиси ВАО-и корпоративӣ;
- таҳқиқи нақши расонаҳои корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат;
- мушаххас кардани авлавиятҳои рушди ВАО-и корпоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ нишон дода шудаанд, мувофиқат менамояд. Муҳтавои диссертатсия ва хулосаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи қавӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқро зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла реклама, менеҷменту маркетинг, ҷомеашиносӣ, робита бо ҷомеа (PR) ва ғайра татбиқ намудан мумкин аст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Диссертатсия барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун як намуди ВАО заминаҳои заруриро фароҳам меорад.

Истифодаи маводи таҳқиқ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои нашр ва паҳн намудани ВАО-и корпоративии худро дубора таҷдид намоянд ва самаранокии кори онҳоро беҳтар созанд. Маводи таҳқиқ метавонад барои омӯзонидани хусусиятҳои ВАО-и корпоративӣ дар донишгоҳҳо ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони ин соҳа истифода шавад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз ҷониби муаллиф бевосита дар марҳалиҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия тӯли солҳои гуногун дар ВАО-и гуногуни корпоративии Тоҷикистон фаъолият намуда, масъаларо ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам амалӣ омӯхтааст. Баррасӣ ва собитсозии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия беш аз 15 сол идома ёфта, ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ ВАО-и гуногуни корпоративии Тоҷикистон, аз ҷумла рӯзномаҳои «Абрешимчии пешқадам», «Алюминийи Тоҷикистон», «Саддам», «Бофанда», «Тоҷиксодиротбонк», «Навиди Бозоргон», «Минбари коргар», «Ризқофарин», «Агроинформ. тҷ», «Анвори дониш», «Фарвардин» ва маҷаллаҳои «Тоҷик Эйр», «Ист Эйр», «Парвоз», «Ориёно», «Садаф», «Дастам», «MediaTrends», «Система», «Сохтмон» ва меъморӣ», «Стандарт ва сифат», «Шуълаи умед» ва ғайра мебошанд. Инчунин, дар диссертатсия бештар аз 80 захираи электронӣ – сомонаҳои корпоративии ширкатҳои Тоҷикистон таҳлил гардида, як қатор идораҳои радиои корпоративӣ ба сифати предмети таҳқиқ баромад менамоянд. Зимни таҳқиқи масъала 215 китоби илмӣ, 90 диссертатсия ва беш аз 250 мақолаи илмӣ ҳамчун сарчашмаи таҳқиқ истифода гардидааст.

Асосҳои назариявӣ ва метологиии диссертатсияро асарҳои илмию назариявии олимони шинохтаи тоҷик Саъдуллоев А., Нуралиев А., Камолиддинов Б., Усмонов И. К., Имомзода М. С., Азимов А. Х., Муродӣ М. Б., Муқимов М. А., Абдуллозода М. А., Саъдуллоев Ҷ. М., Солеҳов Н. Н., Муллоев Ш. Б., Муъминҷонов З., Ҷӯраева М. Р., Қутбиддинов А. Ҳ., Фаттоҳзода С., Furthermore Бобоҷониён Р. М., Мухторӣ Қ., Бозорзода Н. Ш., Ҳасанова Т., Хоҷазод С., Мирзоева М. М., Мирзоева М. Ҷ., Ҷумъаев М. О., Афсаҳзод А. А., Раҳимов А. А. ва олимони рус Засурский Я. Н., Вартанова Е. Л., Прохоров Е. П., Цвик В. Л., Горохов М. В., Шилина М. Г., Гринберг Т. Э., Щепилова Г. Г., Назайкин А. Н., Евставфьев В. А., Горчева А. Ю., Мурзин Д. А., Чемякин Ю. В., Колесниченко А. В., Корконосенко С. Г., Рагулина Ю. В., Муратова С. А., Юрков А. А., Макеенко М. И., Ножина Е. А., Аникина М. Е., Вырковский А. В., Агафонов Л. С. ва дигарон ташкил медиҳанд.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои таҳлилӣ (ҳисобот, мусоҳиба, пурсишнома), умумиилмӣ (суҳбат, шарҳ, тақриз, мақола), иҷтимоӣ (анкета, мониторинг, рейтинг), мушоҳида, индуксия, дедуксия, сохторӣ-функионалӣ, муқоисавӣ, ҷамъбасти таҷрибавӣ ва

назариявӣ истифода намуда, ҷиҳати таъмини эътимоднокии тавсияю хулоса ва пешниҳодҳо аз методҳои умумии мантиқӣ (таҳлил, синтез ва муқоиса) истифода кардааст. Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун яке аз навъҳои журналистика мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор мегиранд. Ҳамзамон, инкишоф, ташаккул, мавқеъ ва хусусиятҳои рушди ВАО-и корпоративӣ дар низоми ВАО-и Тоҷикистон муайян шуда, ин навъи ВАО ҳамчун низоми фаъолият таҳқиқ гардида, вазифаҳои он дар ин замона дақиқ гардидааст.

Таҷрибаи нашри маҷаллаҳои бортӣ дар мамлакат таҳлил ва таҳқиқ гардида, нақши ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар иҷтимоикунонии тиҷорат муайян шудааст. Аз ҷониби муҳаққиқ ВАО-и корпоративӣ ҳамчун қисми таркибии бренди ширкат ва воситаи муассири маъракаи PR таҳлил гардида, сомонаҳои корпоративӣ ҳамчун воситаи менеҷмент ва маркетинг баррасӣ шуда, иртиботи онҳо бо журналистика собит гардидааст.

Диссертатсияи доктории Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, арзиши назариаш дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар ин кори таҳқиқӣ фароҳамомада ва хулосаҳои он ҷанбаҳои назарии омӯзиши ВАО-и корпоративиро тақвият бахшида, хулосаҳои муаллифро метавон зимни пажуҳиши масоили дигари соҳавӣ мавриди истифода қарор дод.

**Мутобиқи теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мавзуъ, муқаррарот, хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ-амалии диссертатсия дар 4 монография, 36 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

### I. Монографияҳо:

**[1-М].** *Хамидов, И. И.* Корпоративная пресса Таджикистана. Монография [Текст] / И. И. Хамидов. – Душанбе, 2010. – 216 с.

**[2-М].** *Хамидов, И. И.* Место корпоративной прессы в современной таджикской журналистике. Монография [Текст] / И. И. Хамидов. – Саарбрюккен: LAP Publishing, Германия, 2011. – 168 с.

**[3-М].** *Хамидов, И. И.* Корпоративные СМИ: гипотезы, парадигмы и взгляд в современность. Монография [Текст] / И. И. Хамидов. – Душанбе, 2012. – 96 с.

**[4-М].** *Хамидиён И. И.* Теоретическое осмысление и реализация маркетинговых целей корпоративных СМИ Таджикистана. Монография [Текст] / И. И. Хамидиён. – Душанбе, 2022. – 208 с.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**[5-М].** *Хамидов, И. И.* Корпоративная пресса в Таджикистане: исторические хроники и приоритеты [Текст] / И. И. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2013. - №4/4 (116). – С. 274-280.

**[6-М].** *Ҳамидов, И. И.* Нашриёҳои донишгоҳӣ – пойдевори ташаккули матбуоти корпоративӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли ҳафтаномаи «Омӯзгори ҷавон» [Матн] / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. - №4/3 (137). – С. 257-259.

**[7-М].** *Ҳамидов, И. И.* ВАО-и соҳавии Тоҷикистон: ҳолати умумӣ ва дурнамо [Матн] / И. И. Ҳамидов // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2014. - №4 (41). – С. 80-82.

**[8-М].** *Ҳамидов, И. И.* Нигоҳе ба моҳият ва вазифаҳои матбуоти соҳавӣ [Матн] / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. - №4/2 (163). – С. 268-272.

**[9-М].** *Ҳамидов, И. И.* Имиҷмейкинг ва нақши телевизион дар шаклгирии он (дар мисоли хизматҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолият) [Матн] / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. - №4/5. – С. 280-283.

**[10-М].** *Ҳамидов, И. И.* Фаъолмандии ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар инъикоси мавзуи ваҳдати миллӣ [Матн] / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. - №4/6. – С. 267-270.

**[11-М].** *Хамидиён, И. И.* Система корпоративных СМИ как совокупность типов или таджикские многотиражки как попытка патриотического воздействия на коллектив [Текст] / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. - №6. – С. 326-330.

**[12-М].** *Хамидиён, И. И.* Коммуникационные компоненты PR-текста в корпоративных СМИ Таджикистана: сохранение позиций и восприятие информации [Текст] / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. - №7. – С. 395-399.

**[13-М].** *Хамидиён, И. И.* Классификация корпоративных СМИ и их активность в анализе повестки дня (опыт Таджикистана на примере темы национальное единство) [Текст] / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. - №8. – С. 434-438.

**[14-М].** *Хамидиён, И. И.* Университетское и корпоративное радио- и телевещание: новые каналы распространения контролируемого контента в Таджикистане [Текст] / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. - №1. – С. 204-218.

**[15-М].** *Хамидиён, И. И.* К вопросу о функциях и сравнительных характеристик корпоративных СМИ [Текст] / И. И. Хамидиён // Вестник

Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. - №2. – С. 234-239.

**[16-М].** *Хамидиён, И. И.* Корпоративная медиаконцепция: практические и эстетические требования в условиях Таджикистана [Текст] / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. - №5. – С. 292-301.

**[17-М].** *Хамидиён, И. И.* Теоретическое осмысление создания корпоративного сайта: реализация маркетинговых целей [Текст] / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2022. - №1. – С. 305-311.

**[18-М].** *Ҳамидиён, И. И.* Сомонаҳои корпоративӣ ва асосҳои амалии онҳо ҳамчун фишанги тавоно ва субъекти таъсир дар Тоҷикистон [Матн] / И. И. Ҳамидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. - №2. – С. 272-282.

**[19-М].** *Ҳамидиён, И. И.* Иштироки ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар иҷтимоикунонии тиҷорат. Таҳлили назаривӣ-амалӣ [Матн] / И. И. Ҳамидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. - №2. – С. 254-262.

**[20-М].** *Ҳамидиён, И. И.* Маҷаллаҳои бортӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ [Матн] / И. И. Ҳамидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. - №3. – С. 241-248.

**[21-М].** *Ҳамидиён, И. И.* Муҳтавои расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии фейсбук [Матн] / И. И. Ҳамидиён, М. М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. - №7. – С. 330-336.

**III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриҳои дигари илмӣ:**

**[22-М].** *Хамидов, И. И.* Корпоративные СМИ: явления, PR, реклама или инструмент? [Текст] / И. И. Хамидов // Молодежь и современная наука. – Душанбе, 2012. – С. 13-20.

**[23-М].** *Хамидов, И. И.* Реклама в таджикской печати: уроки истории и взгляд в современность [Текст] / И. И. Хамидов // Татищевские чтения: актуальные проблемы науки и практики. Гуманитарные и социальные науки, образование. Часть III. – Тольятти, 2012. – С. 285-290.

**[24-М].** *Хамидов, И. И.* Корпоративная сеть как важнейшая составляющая корпоративных СМИ [Текст] / И. И. Хамидов // Молодежь и современная наука. Часть 2. – Душанбе, 2012. – С. 150-156.

**[25-М].** *Хамидов, И. И.* Специфика журналистского текста, рекламы и PR в корпоративных изданиях Таджикистана [Текст] / И. И. Хамидиён // Молодежь и современная наука. Часть 1. – Душанбе, 2013. – С. 222-234.

**[26-М].** *Хамидов, И. И.* Вехи истории корпоративных СМИ Таджикистана (на примере корпоративной прессы) [Текст] / И. И. Хамидов // Научные исследования и разработки молодых ученых. Сборник материалов III Международной молодежной научно-практической конференции. – Новосибирск, 2015. – С. 12-16.

**[27-М].** *Ҳамидиён, И. И.* ВАО-и иттиҳодиявии Тоҷикистон ва инъикоси мавзуи ваҳдати миллӣ [Матн] / И. И. Ҳамидиён // Дар моварои сухан. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. Қисми 1. – Душанбе, 2018. – С. 68-77.

**[28-М].** *Хамидиён, И. И.* Корпоративная пресса Таджикистана: вехи истории [Текст] / И. И. Хамидиён // Корпоративные СМИ: история, теория, практика. Сборник научных статей. – Екатеринбург, 2019. – С. 185-192.

**[29-М].** *Хамидиён, И. И.* PR-текст в корпоративных СМИ Таджикистана: концептуальные дефиниции [Текст] / И. И. Хамидиён // Материалы международной научно-практической конференции «Медиалингвистика и стилистика: проблемы и перспективы», посвященная 85-летию профессора Бахриддина Камолиддинова. 22-23 октября 2020 года. – Душанбе, 2020. – С. 87-94.

**[30-М].** *Ҳамидиён, И. И.* Усулҳои самараноки кор бо ВЭА ва истифодаи технологияи муассир дар шароити муосир иттилоот [Матн] / И. И. Ҳамидиён // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир». – Кӯлоб, 2021. – С. 299-303.

**[31-М].** *Хамидиён, И. И.* Отраслевой характер корпоративных СМИ Таджикистана и исторические перипетии [Текст] / И. И. Хамидиён // Материалы 11-й международной научно-практической конференции на тему «Научные исследования в XXI веке» (6-8 марта 2022 года). – Оттава, Канада, 2022. – С. 206-215.

**[32-М].** *Хамидиён, И. И.* Профессиональное журналистское образование и перспективы интернет - журналистики [Текст] / И. И. Хамидиён // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы филологии и журналистики» (27 октября 2022 года). – Душанбе: РТСУ, 2022. – С. 463-467.

**[33-М].** *Хамидиён, И. И.* Современная система интернет-изданий в Таджикистане: практический анализ [Текст] / И. И. Хамидиён // Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики. Материалы международной научно-практической конференции (10 ноября 2023 г.). – Душанбе: РТСУ, 2023. – С. 334-338.

**[34-М].** *Хамидиён, И. И.* Формирование корпоративной культуры путём корпоративного вещания в Таджикистане [Текст] / И. И. Хамидиён // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Стилистика и медиалингвистика: проблемы и перспективы» (07 мая 2024 года) – Душанбе, 2024. – С. 254-264.

**[35-М].** *Хамидиён, И. И.* Растущий доступ к интернету и проблемы развития интернет-изданий в Таджикистане [Текст] / И. И. Хамидиён // Воситаҳои ахбори омма пас аз Иҷлосияи таърихӣ. – Душанбе, 2024. – С. 123-126.

**[36-М].** *Хамидиён, И. И.* Рациональный подход к высокоэффективным средствам формирования корпоративной культуры и корпоративное вещание в Таджикистане [Текст] / И. И. Хамидиён // Актуальные проблемы журналистики и компоративистики. – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 25-35.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзодаро кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуи диссертатсия «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» ҳисобида шавад.

Диссертатсия ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология тавсия мегардад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои телевизион ва радиошунавонӣ, матбуот, услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 18 нафар, аз ҷумла 11 доктори илм аз рӯйи ихтисос. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратмаҷлиси №12 аз 15 июни соли 2024.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
**доктори илми филология,**
**профессори кафедраи телевизион**
**ва радиошунавонии ДМТ** **Саъдуллоев Ҷ.М.**

**КОТИБИ ИЛМӢ:**
**номзади илми филология,**
**дотсенти кафедраи телевизион**
**ва радиошунавонии ДМТ** **Ҳайдаров С.Б.**

*«Имзоҳои Саъдуллоев Ҷ.М. ва Ҳайдаров С.Б.-ро тасдиқ мекунам»*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
15 июни соли 2024

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тамос: (+992 37) 2217711
Сайт: www.tnu.tj